МИНИСТЕРСТВО ПРОМЫШЛЕННОСТИ И НОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

# ПОЛОЖЕНИЕ
## кафедры «Экономика и управление»

### ФАКУЛТЕТ ФИНАНСОВЫЙ и ИННОВАЦИОННЫЙ МЕНЕДЖМЕНТ

**Душанбе – 2017**

**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

# НИЗОМНОМАИ
# кафедраи «Иқтисодиёт ва идора»

## ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ ВА ИННОВАТСИОНӢ

**Душанбе – 2017**

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон
___________Амонзода И.Т.
«____» _________ соли 2017

# НИЗОМНОМАИ

Кафедраи “Иқтисодиёт ва идора”

Низомномаи мазкур бо риояи талаботҳои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, “Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо қарори мушоварои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №8/4 аз 13.04.2006 тасдиқ шудааст, инчунин оиномаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳия гаштааст.

**Кафедраи “Иқтисодиёт ва идора”** (минбад **кафедра**) воҳиди таркибии **Факултети менеҷменти молиявӣ ва инноватсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** (минбад **Донишгоҳ**) буда, он бо пешниҳоди Шурои олимонӣ факултет бо қарори Шурои олимонӣ Донишгоҳ №85/ХУ аз 31.10.2016 созмон шудааст ва бо ҳамин тартиб барҳам дода мешавад.

## 1. ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИИ КАФЕДРА:

1.1. Ба талаботҳои стандартии давлатии таълимӣ ҷавобгӯ тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб барои фаъолият дар сохтори Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсоли маводҳои хурока ва дигар соҳаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи ихтисосҳои:

**Бакалавр:**
-1 -25010711- “Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои саноатӣ”;
-1-25010707- “Иораи лоиҳаҳо”
**Магистратура:**
-1 -25010711- “Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои саноатӣ”;
-1-25010707- “Иораи лоиҳаҳо”
ва **PhD** аз рӯи ихтисоси:
-6D 050701 – иқтисод ва идораи хоҷагии қишлоқ (бо нишондодани ришта ва соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла иқтисод, ташкил ва идораи корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо; иқтисоди аҳолӣ ва демография; иқтисоди соҳибкорӣ).

1.2. Кафедра вобаста ба равияҳо ва ихтисосҳои соҳавӣ метавонад дар истеҳсолот ва синфхонаҳои махсусгардонидашуда дошта бошад.

1.3. Ба кафедра мудир, ки аз ҳисоби доктори илм, профессор ё номзади илм, дотсент тариқи озмун, бо овоздиҳии пинҳони дар Шурои олимони Донишгоҳ ба муддати 4 сол интихоб карда мешавад, роҳбари менамояд.

1.4. Ба вазифаи мудири кафедра номзади илм, дотсент- на зиёда аз як муҳлат, доктори илм профессор – на зиёда аз ду муҳлат метавонанд пайи ҳам интихоб гардад.

Пас аз ба итмом расидани муҳлати фаъолият ба ин мансаб такрори интихоб шудани ҳамон шахс қатъиян манъ аст.

Ҳамчунин иҷрокунандаи мудири кафедра  фаъолият намудан муақатан ба муҳлати 3 (се)  моҳ ва дар ҳолатҳои зарури агар ин мансаб дар миёни соли таҳсил оғоз гардад, ба таври истисно ба муҳлати то 6 (шаш) моҳ, иҷозат дода мешавад.

1.5. Озмун оиди ишғол намудани мудири кафедра аз тарафи Донишгоҳ бояд 1 (як) пеш аз гузаронидани интихоб ба вазифа дар васоити марказии ахбори умум эълон ва интишор гардад.

1.6. Дар озмун танҳо довталаби дорои унвони илмии мувофиқ ба равия ва тахассусҳои дар кафедра мавҷуд буда метавонад иштирок намояд.

Дар мавриди аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзоёни Шурои олимонро гирифта довталаб бо фармони ректори Донишгоҳ мудири кафедра таъин мегардад.

1.7.  Мудири кафедра узви Шӯрои олимони Донишгоҳ ва факултет мебошад.

1.8.  Мудири кафедра барои фаъолияти кафедра дар саити ташкил ва таъмини раванди таълим, пешбарии корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, тарбивӣ ва иҷрои дастуру супоришҳои Шӯрои олимони Донишгоҳ

Шӯрои олимони факултет, ректор, муовини ректор, инчунин декани факултет масъул буда, дорои вазифаҳо ва салоҳияти мутасадиёни кафедраро вобаста ба самтҳои фаъолияти кафедра муайян мекунад.

Иҷрои супоришҳои дар доираи ваколатҳояш вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ додаи мудири кафедра барои аъзоёни кафедра ҳатмӣ мебошад.

1.9. Ба ҳайати аъзоёни кафедра доктори илм, профессор, номзади илм, дотсент, омузгори калон, ходими калони илмӣ ва ходими хурди илмӣ, докторант, аспирант, омузгор- коромӯз ва корманди ёрирасон (мудири кобинет, котиб коргузор) дохил мешаванд.

## 2. ВАЗИФАҲОИ КАФЕДРА:

- Тибқи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ ташкил ва дар дараҷаи баланди илмӣ ва назарявӣ гӯзаронидани машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ (амалӣ), инчунин дигар машғулиятҳои таълимӣ;
- Барасии нақшаву барномаҳои инфиродии таълимӣ, илмӣ, методӣ ва тарбиявии устодон, инчунин кормандони кафедра;
- Амали намудани нақшаҳои таълимӣ тасдиқгашта дар доираи талаботҳои стандарҳои таълимӣ ва таъмин намудани сифати таълимвобаста ба тахассусии соҳавӣ;
- Роҳбарӣ ба корҳои таълимию истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзӣ, лоиҳаҳо, корҳои курсӣ ва корҳои хатми тахассусӣ, инчунин корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ташкил ва гузаронидани санҷишу имтиҳонҳои ҷорӣ;
- Ташкил, барассӣ ва муҳокимаи дарсҳои кушоди устодон;
- Муҳокимаи силабусҳо, матни лексияҳои устодон ва тасдиқи онҳо;
- Ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ бо ҷалби созмонҳои тарбиявию ҷамъияти (созмони ҷавонон, куратор ва ғ.) дар миёни донишҷӯён;
- Таҳия ва табъу нашри барномаҳо оид ба фанҳои таълимӣ (тадрисшаванда);
- Пешниҳоди тақриз хулосаҳо ба барномаҳои таълимии аз тарафи дигар кафедраҳо омодашуда;
- Тибқи нақшаи кории кафедра таҳия намудани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, маводҳои методӣ ва ба нашр тавсия намудани онҳо;
- Омузиш, барраси ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорони кафедра;

- Дастгири ва ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавон дар такмили маҳорати омӯзгории онҳо, ташкил ва гузаронидани дарсҳои кушод бо онҳо;
- Таҳия, омодасозӣ ва гузаронидани чорабиниҳо оиди истифодаи маводҳои муосири таълимӣ зимнимашғулиятҳои амалӣ ва назариявӣ;
- Пешниҳоди хулосаҳои илмӣ-методӣ оиди нақшаҳои таълимӣ ва тахассусҳои нав ташкилшаванда;
- Дар асоси нақшаҳои тасдиқгашта пешбурди корҳои илмию тадқиқотӣ, муҳокима ва тадбиқи онҳо дар истеҳсолот;
- Ташкил ва роҳбарии корҳои илмию тадқиқотии донишҷӯён;
- Тайёр намудани кадрҳои илмию омӯзгорӣ;
- Муҳокимаи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, барои ҳимоя пешниҳод намудани онҳо;
- Дар асоси нақшаи корӣ моҳе як маротиба гузаронидани ҷаласаҳои корию илмӣ  ва илмӣ-методии кафедра;
- Таҳияи нақша ва ба рухсатии эҷоди пешниҳод намудани омӯзгорон барои таълифи рисолаҳои номзадӣ, докторӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ;
- Бо супориши бевоситаи ректори Донишгоҳ баррасии рисолаҳои номзадӣ ва доктории аз дигар муассисаҳо ворид гашта;
- Мустаҳкам намудани робитаи илм бо истеҳсолот ва тадбиқи дастовардҳои илмӣ дар амалия;
- Мустаҳкам намудани робитаи доимӣ бо собиқ хатмкунандагон, аспирантон, докторантони Донишгоҳ;
- Ба роҳ мондани ташвиқу тарғиби дастовардҳои илмии устодон, ташкил ва гузаронидани такмили ихтисоси онҳо;
- Бо истеҳсолот мувофиқа кунонидани талаботҳои касбӣ –тахассусӣ ва давра ба давра дар Шӯрои  илмӣ –методии факултет муҳокима намудан ва тасдиқи онҳо;
- Мавриди иҷро қарор додани консепсияи миллии тарбия ва дигар ҳуҷатҳои аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Товикистон тавсиягашта;
- Таҳия ва амали намудани “Барномаи дурнамои тараққиёти кафедра” оидибаланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбии донишҷуён ва сайқали маҳорати онҳо;
- Ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва курсҳои такмили ихтисоси устодон дар ҳар 5 (панҷ) сол 1 (як) маротиба;
- Бо риояи қонунгузории ҷорӣ ташкил ва гузаронидани озмунҳои ишғоли вазифаҳои устодон ва кормандони илмӣ;

- Дар ғоибии мудир бо супориши ректори Донишгоҳ вазифаи ӯро яке аз аъзоёни кафедра иҷро менамояд;
- Дар ҳолати зиёда аз 20 нафар будани теъдодӣ воҳиди кории кафедра вазифаи муовини мудири кафедра ташкил дода мешавад;

## 3. Барои таъмини иҷрои саривақтии вазифаҳои ба зиммаи кафедра вогузошта аз ҳисоби аъзоёни он дар самтҳои гуногуни фаъолият мутасадиён таъин мегарданд:

**Идораи сохтори кафедраи иқтисодиёт ва идора:**




### 3.1. Вазифаҳои мутасади оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот:

- Дар якҷояги бо мудирии кафедра таҳияи нақшаҳои таълимию барномаҳои таълимии фанни ва назорати иҷрои онҳо;
- Таъмини таҳияи дастурҳои таълимӣ ва омодакунии барномаҳои кории фанҳои кафедра ва назорати тадбиқи онҳо;
- Пешниҳодӣ дастурҳои таълимӣ ва барномаҳои кории фанҳо барои муҳокима дар ҷаласаҳои кафедра ва Шӯрои методӣ;
- Дар якҷояги бо мудири кафедра таҳия намудани ҷадвали иҷрои лоиҳаю корҳои курсӣ ва лоиҳаю корҳои пеш аз хатми тахассусӣ;
- Назорати таъмини фаннҳо бо адабиёти зарурӣ дар китобхонаи донигоҳ;
- Дар ду ҳафта шинос намудани кормандони кафедра бо адабиётҳои нав воридгашта;
- Ҷамъоварии маълумотҳо аз устодони кафедра оиди харидӣ дастуру китобҳо;
- Дар ҳамкори бо деканат таҳия намудани ҷадвали машғулиятҳо, сессияҳои санҷишӣ- имтиҳонӣ ва ҷадвалҳои гузаронидани колоквиумҳо;

- Назорати пур намудан ва сари вакт баргардонидани варақаҳои баҳогузори аз тарафи устодон;
- Дар якҷояги бо мудири кафедра тартиб додани ҳисоботҳо оид ба мувафаққиятҳои бадастовардаи донишҷӯён ва устодон;
- Дар якҷояги бо мудири кафедра таъмини омодагии кафедра ба имтиҳоноти давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ ва ҳимояи лоиҳаҳои пеш аз хатми тахассусӣ;

### 3.2. Вазифаҳои мутасаддӣ оид ба илм ва инноватсия:

- Таҳияи накшаи корҳои илмӣ тадкиқотии кафедра ва назорати иҷрои ҳатмии он;
- Таҳияи накшаи гузаронидани конференсияҳои илмӣ –амалии кафедра дар якҷояги бо устодон ва мудири кафедра;
- Таъмини иштироки аъзоёни кафедра дар конференсияҳои илмӣ-амалии омӯзгорону донишҷӯён;
- Мустаҳкам намудани алоқа бо Шуъбаи илм ва аспирантураи донишгоҳ;
- Бароҳ мондани ташвиқу тарғиби дастовардҳои илмии устодон, ташкил ва гузаронидани такмили ихтисоси онҳо;
- Мустаҳкам намудани робитаи илм бо истеҳсолот ва тадбиқи дастовардҳои илмӣ дар амалия;
- Мустаҳкам намудани робитаи доимӣ бо собиқ хатмкунандагон, аспирантон ва докторантлни донишгоҳ;
- Ташкил намудани муҳокимаи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ барои ҳимоя пешниҳод намудани онҳо;
- Ҷамъоварии маълумот ва пешниҳоди он ба сохторҳои дахлдор оидӣ кори аспирантон ва унвонҷӯёни илмӣ;
- Ташкил ва роҳбарии корҳои илмию тадқиқотии донишҷӯён;

### 3.3. Мутасаддӣ оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсоли ва алоқа бо истеҳсолот:

- Таҳияи барномаҳои таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ вобаста ба дараҷаҳои тахассусӣ ва таъмини иҷрои онҳо;
- Дар якҷояги бо мудири кафедра ва деканат муайяннамудани корхонаю муассисаҳои истеҳсолие, ки дар онҳо таҷрибаомӯзи гузаронида шавад;
- Таҳия ва бастани шартномаҳои таҷрибаомӯзӣ бо корхонаю муассисаҳои истеҳсолӣ;
- Ташкили қабули ҳисоботҳои таҷрибаомӯзӣ дар муҳлатҳои муайянгардида ва назорати сари вақт ба деканат баргардонидани варақаҳои баҳогузорӣ аз тарафи устодон;

- Ҷустуҷуи имкониятҳои дар хориҷи кишвар гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва баландбардории дараҷаи тахассусии донишҷӯён.

### 3.4. Вазифаҳои мутасади оид ба корҳои тарбиявӣ:

- Дар якҷояги бо кураторон таҳия намудани накшаҳо ва барномаҳои тарбиявӣ дар гуруҳҳои академӣ ва амалӣ гардонидани онҳо;
- Дар якҷоягӣ бо департаменти корҳои тарбиявӣ ҳамоҳанг сохтани кори кураторони гуруҳҳои академӣ;
- Дар ҳамкорӣ бо кураторон ва сардори гуруҳҳои академӣ мунтазам таҳлил намудани давомоти донишҷӯён ва мустаҳкам намудани алоқа бо падару модари донишҷӯён вобаста ба масъалаҳои тарбиявӣ;
- Мавриди барасси қарор додан ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадамӣ омӯзгорони кафедра оиди методҳо ва усулҳои пешқадами тарбияи донишҷӯён;
- Ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявии ватандӯстӣ, сиёсатшиносию фарҳангӣ бо ҷалби созмонҳои тарбиявию ҷамъиятӣ дар миёни донишҷӯён;
- Ташкил ва гузаронидани ҷаласаҳои тарбиявии кафедра бо иштироки кураторони гуруҳҳои академӣ ва падару модари донишҷӯён.

### 3.5. Вазифаи мудири кабинет:

- назорати иҷрои нақшаи баргузории ҷаласаҳо ва машваратҳои кафедра;
- шинос намудани кормандони кафедра бо масъалаҳои муҳокимашаванда, тартиби додани суратмаҷлисҳо ва назорати иҷрои қарорҳои қабулгашта;
- назорати рафти иҷрои наҷшаи тақвими кори кафедра;
- таъмини дурустии ҳуҷатгузорӣ дар кафедра;
- назорати рафти иҷрои ҷадвали машғулиятҳо;
- омода намудан ва ба мудири кафедра, инчунин декани факултет пешниҳоди маълумотномаҳо вобаста ба ҳолатҳои роҳ додан ба вайронкнии ҷадвали машғулиятҳо;
- таъмини алоқаи доимӣ бо устодони кафедра ва назорати қатъиян риоя намудан аз тарафи онҳо ҷадвалҳои тасдиқгаштаи гузаронидани машғулиятҳо ва дигар чорабиниҳо бо донишҷӯён;
- таъмини айёниятҳо ташвиқотӣ –таълимӣ дар кафедра ва синфхонаҳо;
- таъмини амният ва ҳифзи амволи кафедра, инчунин бойгонӣ.

## 4. Фехристи ҳуҷатгузори дар кафедра:

| Рамзҳои сохтори ва ҷувздонҳо | НОМГӮИ ҲУҶҶАТҲО ВА САНАДҲО | Муҳлати нигаҳ-дошти санадҳо | эзоҳ |
|---|---|---|---|
| **13.03.00** | Қарорҳо, фармонҳо, фармоишҳо, дастурҳо, санадҳои ҳукумати ҶТ, Вазорати маориф ва илми ҶТ ва дигар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 5 сол | |
| **13.03.01** | Фармоишҳои ректор, супоришҳои муовинони ӯ ва декан | 5 сол | |
| **13.03.02** | Қарорҳои ректорат ва деканат | 5 сол | |
| **13.03.03** | Қарорҳои Шӯрои олимони донишгоҳ ва факултет | 5 сол | |
| **13.03.04** | Суратҷаласаҳои кафедра ва машваратҳои илмӣ | 5 сол | |
| **13.03.05** | Дастурамалҳои вазифавии кормандон | 5 сол | |
| **13.03.06** | Нақшаҳои кории кафедра ва инфиродии устодон | 5 сол | |
| **13.03.07** | Нақшаҳои таълими ва барномаҳои корӣ оид ба равияҳо ва тахассусҳои кафедра | 5 сол | |
| **13.03.08** | Ҳисоботи солонаи кафедра ва устодон | 5 сол | |
| **13.03.09** | Воҳидҳои корӣ ва тақсимоти соатҳои устодон | 3 сол | |
| **13.03.10** | Билетҳои имтиҳонӣ аз фанҳои таълимии кафедра | 3 сол | |
| **13.03.11** | Мавзӯҳои лоиҳаю корҳои пеш аз хатми тахассусии тасдиқшудаи донишҷӯён ва тақриз ба онҳо | 3 сол | |
| **13.03.12** | Ҳуҷҷатҳои мактабҳои илмӣ, конференсияҳо, маҳфили илмии донишҷӯён ва ихтироъкорони ҷавон | 3 сол | |
| **13.03.13** | Ҳисоботи докторантон, аспирантҳо ва магистрантҳо | 3 сол | |
| **13.03.14** | Дафтари бақайдгирии журналҳои гурӯҳҳои академӣ | 3 сол | |
| **13.03.15** | Барномаҳои кории ихтисосҳо ва ҳуҷҷатҳои | 3 сол | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | таҷрибаомузии таълимӣ ва истеҳсолӣ | | |
| **13.03.16** | Дафтари бақайдгирии иштироки устодон дар дарсҳои ҳамдигарӣ | 3 сол | |
| **13.03.17** | Дафтари бақайдгирии истифодаи воситаҳои техникӣ дар чараёни таълим | 3 сол | |
| **13.03.18** | Ҳуҷҷатҳо оиди супоридани санҷишу имтиҳонҳо, лоиҳаҳои корҳои курсӣ | 3 сол | |
| **13.03.19** | Санадҳо оиди ба бойгони супоридани ҳуҷҷатҳо | 5 сол | |
| **13.03.20** | Дафтари қайди маълумотномаҳои воридотӣ ва содиротӣ | 5 сол | |
| **13.03.21** | Барномаҳо ва корҳои амалишудаи илмӣ | 3 сол | |
| **13.03.22** | Такмили ихтисоси устодон ва кормандони кафедра | 5 сол | |
| **13.03.23** | Ҳуҷҷатҳои таъмини моддӣ-техникии кафедра | 3 сол | |

Низомномаи кафедраи иқтисодиёт ва идора дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон “30” январи соли 2017 (суратҷаласаи №5) муҳокима ва қабул карда шудааст.